# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна - «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» аз ҷиҳати интихоби мавзуъ муҳим ба ҳисоб меравад, зеро алҳол барои аҳолии Тоҷикистон воситаи дастрастарини ахбори омма ин телевизион мебошад.

Жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионӣ бояд зиёд истифода гардад, зеро барномаҳои иттилоотиро бе жанри репортаж тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аммо мутассифона дар шабакаҳои телевизионии мавриди таҳқиқ истифодаи жанри репортаж хеле кам ба мушоҳида мерасад, ки муаллифи диссертатсия инро ба ҳисоб гирифта мавқеи ин жанрро дар барномаҳои иттилоотӣ ба таҳқиқ кашидааст.

Пажуҳиши мавзуи мазкур дар илми журналистикаи ватанӣ нав мебошад. Доир ба баррасии мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ то ҳол ба пажуҳиши илмии диссертатсионӣ кашида нашудааст.

Навгонии рисолаи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама дар он мебошад, ки мавзуи мавриди пажуҳиш дар заминаи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли ша́бакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бори аввал мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант моҳияти масъалаи пажуҳишро дуруст дарк карда, ба андозаи кофӣ таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ масъалаи баррасишавандаро дар қолаби муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашаванда ба шакл даровардааст.

Дар муқаддимаи рисола тибқи талабот муҳимии мавзуи пажуҳиш, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он муайян ва таъриф карда шудааст.

Диссертант мавзуи пажуҳишро бо низоми илмӣ ба тартиб дароварда, барои зина ба зина ҳал намудани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи пурраи таҳқиқ мусоидат намудааст. Бобу зербобҳои диссертатсия паҳлуҳои асосии мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар таҳия шудаанд.

Муаллиф ба пажуҳиши мавзуъ бо талаботи илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро илман муайян намудааст.

Пажуҳиши мазкур бо арзиши илмиву амалӣ дар соҳаи журналистикаи тоҷик нахустин таҳқиқи диссертатсионие мебошад, ки ба пажуҳиши мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди комёбиҳои зиёд, баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳ намудани онҳо ба мақсад мувофиқ хоҳад буд:

1. Дар фасли дуюми боби дуюм умумигӯӣ нисбатан зиёд ба чашм мерасад, баҳс камтар ҷой дорад.

2. Дар фасли сеюми рисолаи диссертатсионӣ иштибоҳи грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд ва дар натиҷагирӣ мавқеи диссертант нисбатан заиф аст.

Мебояд таъкид кард, ки норасоиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии автореферати рисолаи диссертатсиониро кам намекунанд. Автореферати рисолаи диссертатсионии Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» аз нигоҳи сохтор ва муҳтаво аз рӯи талабот таҳия шуда, мазмуни асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Мулоева Нишона Сангмадовна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати хуби илмии диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Бо назардошти ин муваффақиятҳо, автореферати диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна - «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои

телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» пажуҳиши ба анҷомрасида ба шумор рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401 - Рӯзноманигорӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазод С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Толстой, хонаи №25
Тел.: (+992) 938 55 52 99, 992 (+372) 227 76 57
E-mail: saidmurod70@mail.ru

“_18_” майи соли 2024

**Имзои Хоҷазод С.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

“_18_” майи соли 2024

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 2241383
E-mail: tgpu2004@mail.ru